“Тасдиқ менамоям»
Ректори Муасиссаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
доктори илмҳои таърих,
профессор ________ Усмонзода А.И.
“__” ________ 2022 с.

# ХУЛОСАИ

## кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”

Диссертатсияи унвонҷӯ Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна дар мавзӯи “Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг омода гардида, мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Дар марҳилаи омода намудани диссертатсия ва дар айни ҳол Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” ба ҳайси сармуаллимаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит фаъолият менамояд.

Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна соли 2012 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, факултети молия ва иқтисодиёти бозорро аз рӯи ихтисоси “Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит” бо тахассуси иқтисодчӣ хатм намудааст.

Қурбонова Ш.Х. соли 2018 имтиҳонҳои номзадии таърих ва фалсафаи илм ( аз 19.10.2018 бо баҳои аъло ), забони англисӣ (аз 5.12.2018 бо баҳои аъло) ва соли 2022 имтиҳони минимуми ихтисоси иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ(аз 11.01.2022 бо баҳои аъло) супорида, соҳиби шаҳодатномаи № 11 гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Самадова Заррина Акрамҷоновна, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ рушди инноватсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи номзадӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров аз таърихи 28.12.2017 сол, протоколи №5 тасдиқ гардидааст.

Аз рӯи ҷамъбасти муҳокимаи диссертатсияи номзадии Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна дар мавзӯи “Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи зерин қабул карда шуд:

1.**Баҳодиҳии мубрамияти мавзӯи таҳқиқот**. Диссертатсияи Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна актуалӣ буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи тадқиқотӣ оид ба таҳияи ҷанбаҳои рушди низоми иқтисодии минтақа дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Низоми институтсионалӣ ба рушди иқтисодии минтақаҳо ҳам мусоидат ва ҳам мамоният намуданаш мумкин аст ва чӣ тавре, ки дар амалия аз он шаҳодат медиҳад ин таъсир аксаран нисбат ба таъсри бисёр омилҳои дигари рушди иқтисодӣ аз ҷумла табиӣ, меҳнатӣ, истеҳсолӣ ва ғайра қавитар аст. Механизми институтсионалӣ на танҳо ба динамикаи хоҷагидорӣ таъсир мерасонад, балки аз бисёр ҷиҳат “симо” – и онро муайян мекунанд, ба ҳайси меҳвари ба худ хоси низоми иқтисодии минтақа баромад менамояд.

2. **Иштироки шахсии муаллиф дар ҷараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар диссертатсия баёншуда.** Ҳамаи марҳилаҳои амалисозии нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосноккунии мубрамияти он, гузоштани мақсад ва вазифаҳои тадқиқ бо иштироки бевоситаи муаллиф баргузор шудаанд. Муаллиф дар коркарди асосҳои институтсионалии рушди низомҳои иқтисодӣ дар вилояти Суғд ва баҳри ташаккули онҳо саҳми арзандаи худро гузошт. Дурустӣ ва асоснок будани натиҷаи тадқиқот тавассути асосноксозии методикаи таҳқиқ, пешниҳоди додаҳои таҷрибавӣ, ки ба дақиқ будани фарзияҳои пешниҳодшуда, инчунин тавсиби натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамоянд, таъмин карда мешавад.

3. **Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.** Асосҳои назариявӣ, ташхиси илмӣ, иқтисодӣ, усулҳои баҳодиҳии ташхисӣ ва таҳлили таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ мебошад. Дар раванди тадқиқ методҳои умумиилмӣ, таҳлили таърихӣ, омилӣ, муқоисавӣ, оморӣ, арзёбии коршиносӣ (экспертӣ), пурсиши анкетавӣ, таҳлил ва синтез истифода шудаанд.

4. **Навгонии илмии таҳқиқот.** Маҳз ҳалли ҳаматарафа ва амиқи муаммоҳои дар боло овардашуда, интихоби мавзӯи диссертатсияи номзадии мазкурро ба миён овардааст, ки он яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, муҳим ва дар айни ҳол ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Аз нуктаҳои дар боло овардашуда натиҷагирӣ намуда, унвонҷӯ нуқтаҳои зерини то ба

имрӯз нокифоя омӯхташудаи принсипҳои ҷобаҷогузории сохторҳои корпоративӣ дар иқтисодиёти минтақаро қайд менамояд:

- дар иникшофи тасаввуроти назариявӣ ва методӣ дар бораи таъсири механизмҳои институтсионалӣ ба рушди иқтисодиёти минтақа, ки дар инкишофи ҳамкории мутақобилаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ, ки ба беҳтар гардонидании муҳити инвеститсионӣ ва корӣ дар минтақаҳо нигаронида шудааст, ифода ёфтааст;
- таснифи институтҳо аз рӯи принсипи вазифаҳои иҷрошаванда (ҳуқуқ, танзимкунандаҳо, рушди сармояи инсонӣ, тақсими хавфҳо), ки барои ташаккули низоми омилҳо, барои баланд бардоштани самарабахшӣ дар иқтисодиёт заруранд, асоснок карда шудааст;
- методикаи арзёбии маҷмӯи фишангҳои институтсионалии рушди минтақаҳо пешниҳод гардидааст, ки тавассути серченакии таъсири институтҳо, аз ҷумла омилҳои институтсионалӣ, ки мушаххасоти миқдорӣ надоранд (институти боварӣ, дастрасии иттилоотӣ ва ғайра) асоснок карда шудааст;
- исбот карда шудааст, ки низоми мавҷудаи институтсионалии рушди минтақа бо хосияти контури номуттасил тавсиф мешавад, ки дар набудани эътидол байни мақсадҳои рушди иқтисодӣ, пойгоҳи меъёрии ҳуқуқӣ ва сохторҳои ташкилию институтсионалӣ ва сифати пасти механизмҳои низоми институтсионалӣ зоҳир мегардад ва он ба фаъол сохтани фаъолияти кории соҳибкорӣ мамониат мекунад ва рушди иқтисодии минтақаро бозмедорад;
- “Стандарти инвеститсионии минтақаҳо” таҳия шудааст, ки ҳамчун сохтани амалиёти мақомоти ҳокимияти давлатии минтақаҳо имкон медиҳад ва дар заминаи он зарурати ҳамкории мутақобилаи шабакавии субъектҳои минтақа, ки дар маҷмӯъ ба таъмини шароитҳои мусоиди сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди инвеститсияҳо ба иқтисодиёти минтақа нигаронида шудаанд, асоснок карда шудааст;
- методикаи ҳисобкунии рейтинги “Муҳити корӣ ва фаъолнокии кории шаҳру ноҳияҳо” коркард шудааст, ки ба арзёбии дараҷаи таъсири рушди (тараққидиҳанда ё боздоранда) омилҳои институтсионалии рушди соҳиборӣ имкон медиҳад ва ба ҳавасманд гардонидани ҳамкории мутақобилаи ҳокимият ва бахши хусусӣ оид ба беҳтар намудани муҳити корӣ дар ҳудуди мушаххас мусоидат менамояд.

5. **Мақсад ва вазифаи таҳқиқот** таҳким бахшидани назарияи институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақавӣ, аз он ҷумла коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми механизмҳои институтсионалӣ оид ба баланд бардоштани некуаҳволии минтақа мебошад.

Барои расидан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шудааст:

- омӯзиши асосҳои назариявии механизмҳои институтсионалӣ ва муқаррар кардани нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти минтақа;
- таҳия кардани методикаи арзёбии дараҷаи таъсири фишангҳои институтсионалӣ ба рушди минтақа;
- тадқиқ кардани механизмҳои институтсионалии идоракунии рушди минтақавӣ, ки дар мамлакатҳои хориҷӣ истифода мешаванд;
- арзёбӣ кардани вазъи ҳозира ва нақши механизмҳои институтсионалӣ дар рушди вилояти Суғд;
- таҳлил кардани муҳити институтсионалӣ дар иқтисодиёти минтақа;
- ошкор сохтани хусусиятҳои зернизомҳои институтсионалии идоракунии иқтисодиёти минтақа;
- таҳия кардани тавсияҳо ва методикаи такмили низоми механизмҳои институтсионалӣ, ки ба ҳавасмандгардонии рушди минтақа равона карда шудаанд.

**6. Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.**

1.Муносибатҳои консептуалӣ ва мундариҷаи омилҳои институтсионалии рушди минтақаҳо, муносибатҳои методӣ ба арзёбии омилҳои институтсионалии рушди минтақаҳо баррасӣ шуда, аз рӯи натиҷаҳои таҳлил методикаи муаллифӣ пешниҳод гардидааст, таҷрибаи хориҷии идоракунии механизмҳои институтсионалии рушди минтақавӣ ба риштаи таҳлил кашида шудаанд, амалияҳое, ки ба шароити маҳаллӣ мувофиқанд, ҷудо карда шудаанд.

2. Таҳлили омилҳои институтсионалӣ дар шароити муосир, вазъ ва нақши онҳо дар иқтисодиёти вилояти Суғд; арзёбии шароитҳои институтсионалии рушди муҳити корӣ дар минтақа; хусусиятҳои зернизомҳои институтсионалии идоракунии иқтисодиёти минтақа сурат гирифтааст.

3.Омузиши институтҳои мусоидат ба раванди инвеститсионӣ дар сатҳи минтақавӣ ва субминтақавӣ ва олоти ҳавасмандгардонии ҳамкории мутақобилаи ҳокимият ва бахши хусусӣ дар бобати беҳтар намудани муҳити кории ҳудудҳои минтақа тавсия шудаанд.

4.Дархосту пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои рушди минтақаҳо коркард гардида, доираи истифодаи онҳо муайян шудааст.

**Мутобиқати диссертатсияи ба ихтисос ва самти илмӣ:** Натиҷаҳои таҳқиқот ба Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

**7. Инъикоси маводҳои рисола дар корҳои чопшудаи муаллиф:**

Натиҷаҳои тадқиқот дар якчанд мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мақолаҳо ва фишурдаҳои маърӯзаҳои илмии унвонҷӯ дар конференсияҳои илмӣ- амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва анъанавии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" ва ДДҲБСТ арзёбӣ гардидаанд. Аз он ҷумла, ба конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Мавқеи ҷавонон дар рушди илм"(Хуҷанд 2017), конференсияи вилоятӣ дар мавзӯи "Саноатикунонии босуръат: таърих ва замони муосир, конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ "Самаранокии иқтисодии соҳаҳои саноати металлургӣ ва нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". (Бӯстон 2019), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалии "Рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: роҳҳои татбиқи натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолот" бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф"ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд соли 2021 пешниҳод гардида, нашр шудаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот 13 мақолаҳои илмӣ аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда чоп карда шудааст.

**Феҳрасти интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмии тақризшудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Қурбонова Ш.Х. Оид ба масъалаҳои такомули пиёдагардонии сиёсати буҷетии Тоҷикистон дар шароити муосир [Матн] / Ш.Х.Қурбонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2018.- № 4 (47). - С.101-106. ISSN 2077- 4974

2.Қурбонова Ш.Х. Омилҳои ниҳодии рушди иқтисодии минтақа (нигоҳҳои назариявӣ) [Матн] / Ш.Х.Қурбонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2019.- № 4 (51). - С. 109- 114. ISSN 2077- 4974

3. Қурбонова Ш.Х. Равияҳои такмили механизмҳои институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақа (таҷрибаи хориҷӣ) [Матн] / Ш.Х.Қурбонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2020.- № 4 (55). - С. 81- 85. ISSN 2077- 4974

4. Қурбонова Ш.Х. Омилҳои институтсионалӣ дар шароити муосир: давлат ва нақши он дар иқтисодиёти вилояти Суғд [Матн] / Т.Р. Ризоқулов, Ш.Х.Қурбонова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - Хуҷанд, 2021.- № 1 (86). - С. 65- 73. ISSN 2411- 1945

**Дар нашрияҳои дигар (бо забони аслӣ)**

5. Қурбонова Ш.Х. Тарз ва усулҳои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии "Мавқеи ҷавонон дар рушди илм".- Хуҷанд, 2017. - С.327- 330. (0,2 ҷ.ч.)

6. Қурбонова Ш.Х. Идоракунии мезанизми институтсионалии рушди минтақа дар кишварҳои мутараққӣ: таҷриба ва самтҳои омӯзиш// Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20 солагии рушди илмҳои табиатишносӣ, риёзӣ ва дақиқ. - Хуҷанд, 2021. - С. 295- 301. (0,4 ҷ.ч.)

7. Қурбонова Ш.Х. Механизмҳои институтсионалии рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон//Маҷмӯаи мақолаҳои илмии олимони ҷавон "Раҳоварди олимони ҷавон". - Хуҷанд, 2021. - С. 432- 438. (0,4 ҷ.ч.)

8. Қурбонова Ш.Х. Идоракунии устувори буҷет - самти асосии рушди иқтисодиёт// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ "Муносибати инноватсионӣ ба ташкили раванди таълим дар шароити татбиқи стандартҳои нави таҳсилот". - Хуҷанд, 2021. - С.360- 365. (0,3 ҷ.ч.)

9. Қурбонова Ш.Х. Методологияи омӯзиши омилҳои институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақавӣ// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Муносибати инноватсионӣ ба ташкили раванди таълим дар шароити татбиқи стандартҳои нави таҳсилот". - Хуҷанд, 2021. - С.356- 359. (0,25 ҷ.ч.)

10. Қурбонова Ш.Х. Таҳлили сохтори таркибии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати кӯтоҳмуддат: самтҳо ва афзалиятҳо //Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ "Паём қутбнамои рушди устувор". – Хуҷанд, 2019. - С 25 – 31. (0, 4 ҷ.ч.)

11. Қурбонова Ш.Х. Саноатикунонӣ омили рушди иқтисодиёти минтақа// Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Самаранокии иқтисодии соҳаҳои саноати металлургӣ ва нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Бӯстон, 2019. - С.37-39. (0,1ҷ.ч.)

12. Қурбонова Ш.Х. Ниҳодҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд /Ризоқулов Т.Р., Қурбонова Ш.Х. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалии "Рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: роҳҳои татбиқи натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолот" бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф". –Хуҷанд, 2021.

13. Қурбонова Ш.Х. Саноатикунонӣ – пешрафти босботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Конференсияи илмӣ-амалии вилоятӣ "Саноатикунонии босуръат: таърих ва замони муосир". – Хуҷанд, 2019.

Диссертатсияи номзадии Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна дар мавзӯи "Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" таҳқиқоти мукаммал ва ба анҷомрасида буда, он барои муҳокима ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба барои баррасӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" қабул карда шудааст.

Дар овоздиҳӣ оид ба масъалаи мазкур 8 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ чунин муайян гардид:

"Тарафдор" 8 нафар,

"Зид" нест,

"Бетараф" нест.

Протоколи № 7/ а аз 25 феврали соли 2022 тасдиқ гардидааст.

**Раиси маҷлис,**
**мудири кафедраи идоракунии**
**иқтисодиёт ва маркетинги МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Б.Ғафуров", н. и. и., дотсент** **Сатторова М.Р.**

**Котиби маҷлис,**
**сармуаллими кафедраи идоракунии**
**иқтисодиёт ва маркетинги МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б.Ғафуров"** **Ҳотамов А.Р.**
**Имзои Сатторова М.Р. ва Ҳотамов А.Р.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б.Ғафуров"** **Наврӯзов Э.М.**

Суроға:
735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи
Мавлонбеков 1,телефон 6 -52-73, 6 -47 -39
факс: 6 -75 -18; e- mail/rector@ hgu.tj